# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №171 "Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон""

Дастурамали №171 "Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мутобиқи қисми 2 моддаи 3 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", қисми 1 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" ва моддаҳои 5 ва 7 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" таҳия шуда, тартиби кушодан, бурдан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкии бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, резидентҳо ва ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ танзим менамояд.

То ин ҷониб кушодани суратҳисобҳои бонкӣ ба шахсони воқеӣ танҳо ба таври мустақим ва бо ташриф овардани муштариён ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ё марказҳои хизматрасонии онҳо, баъд аз анҷом додани расмиёти пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар шакли коғазӣ ва имзо расонидани шартномаи дахлдор сурат мегирифт. Чунин тартиби коргузорӣ боиси зиёд шудани сарборӣ ва сарфи вақт ҳам барои муштариён ва ҳам барои ташкилотҳои қарзӣ мегардад. Набудани марказҳои хизматрасонии бонкӣ хусусан дар минтақаҳои дурдасти кишвар дастрасии аҳолиро ба хизматрасониҳои бонкӣ маҳдуд месозад.

Бояд қайд намуд, ки аз соли 2019 дар Бонки миллии Тоҷикистон бар ивази низоми пардохтҳои электронии "Палатаи ҳисоббаробаркунӣ" Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо ба фаъолият шурӯъ намуд. Тибқи талаботҳои низоми мазкур, филиали ташкилоти қарзии молиявӣ бояд мустақиман ба низом пайваст набошад ва ҳисоббарбаркунии байнибонкиро танҳо ба воситаи сарбонки худ ба роҳ монад.

Инчунин, бо назардошти ҷорӣ гардидани қоидаҳои нави фаъолияти низом, ҳангоми барҳамхурии ихтиёрӣ ва ё маҷбурии ташкилоти қарзии молиявӣ, суратҳисоби муросилотии он дар Бонки

миллии Тоҷикистон баста шуда, суратҳисоби барҳамдиҳӣ кушода мешавад. Бинобар ин, дар лоиҳаи мазкур тартиби истифодабарии суратҳисобҳои муросилотӣ, аз ҷумла суратҳисоби барҳамдиҳии дар Бонки миллии Тоҷикистон кушодашуда такмил дода шудааст.

Илова бар ин, ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар зимни ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ бо бонкҳои хориҷӣ, хусусан бонкҳои давлатҳои Аврупо ва Амрико ба мушкилиҳо дучор омадаанд. Ҳатто ҳолатҳое низ дида мешаванд, ки барои кушодани суратҳисоби муросилотӣ ҷавоби рад мегиранд. Яке аз сабабҳои чунин мушкилӣ, ин номутобиқатии талаботи қонунгузории кишвар оид ба кушодани суратҳисобҳои муросилотӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар ин самт, аз ҷумла тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ оид ба пулшӯӣ (ФАТФ) мебошад.

Бинобар ин, ҷиҳати бартараф намудани мушкилиҳои болозикри соҳавӣ, Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи мазкурро таҳия намуда, дар он татбиқи чораҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

– мушаххаскунии фосилавии шахсияти муштарӣ - шахси воқеии резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– бастани шартномаи хизматрасонии бонкӣ бо таври электронӣ;

– ҷойгир намудани маълумот оид ба шартҳои шартномаи суратҳисоби бонкӣ ва андозаи ҳаққи хизмат аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ дар сомонаи расмии он;

– муқаррар кардани тартиби истифодабарии суратҳисобҳои муросилотӣ, аз ҷумла суратҳисоби барҳамдиҳии дар Бонки миллии Тоҷикистон кушодашуда ва аз байн бурдани зерсуратҳисобҳои муросилотӣ;

– чораҳои муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ҳангоми анҷом додани муносибатҳои муросилотии фаромарзӣ.

Татбиқ намудани чораҳои дар лоиҳаи мазкур пешбинишуда, ба чунин оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонад, аз ҷумла:

Оқибатҳои иҷтимоӣ:

- барои муштарӣ осон ва қулай гардидани истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ ва баланд гардидани саводнокии молиявии аҳолӣ, зиёд гаштани дастрасӣ ба хизматрасонии бонкӣ, хусусан дар минтақаҳои дурдаст, фарогирии молиявии аҳолӣ; истифодабарии таҷҳизотҳои муосири электронӣ аз қабили компютер, смартфон, планшет ва ғайра;

- барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ: коҳиш ёфтани сарбории иловагии амалиётӣ, сарфаи вақт барои пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ, тезонидани суръати пешниҳоди хизматрасонӣ ва ҷалб гардидани муштариёни нав, анҷом додани муносибатҳои муросилотии фаромарзӣ бо бонкҳои хориҷӣ.

Оқибатҳои иқтисодӣ:

- мусоидат намудан ба вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ки дар натиҷа ба шаффоф гардидани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ба буҷети давлатӣ ва зиёдшавии ҳаҷми амонатҳо дар низоми бонкӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Лоиҳаи мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти хизматрасониҳои бонкӣ ба танзим даровварда, ба болоравии ҳиссаи фарогирии молиявӣ, афзоиши шумораи суратҳисобҳои бонкӣ, васеъ гардидани имкониятҳои дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ, ва риояи талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ҳангоми анҷом додани муносибатҳои муросилотии фаромарзӣ мусоидат менамояд.

Қабул гардидани лоиҳаи мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад.

Муовини Раис Накҳатзода М. К.